**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии **Сафарзода Мунир Ватан** дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Моҳият, мазмун, мундариҷа ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад: ба *банди 1.* Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ, корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ; ба *банди 6.* Консепсияи таҳсилот (сифати таҳсилот ва арзёбии он, равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот); *ба банди 7.* Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**

Рисолаи унвонҷӯй Сафарзода Мунир Ватан ба проблемаи муосири илми педагогикаи ватанӣ – «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст. Ташаббус ва ибтикороти муаллифи диссертатсия ба таҳқиқ ва рушди масъалаҳои таълими калонсолон дар робита бо такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ тавассути коркард ва баррасии асосҳои илми андрогогикаи ватанӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим таъсири мусбӣ бахшида, барои рушди ин самти муҳимми таҳсилот шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар диссертатсияи Сафарзода М.В. низоми анъанавӣ ва навгонии таълими калонсолон ба риштаи ягонаи илман асоснок ва санҷидаю аз озмоиш гузаронидашуда тавассути татбиқи муносибати

босалохият ба таълим дар асоси амсилаи мукаммал ва комили сохторию функсионалӣ роҳандозӣ шуда, шароит ва омилҳои назариявӣ ва амалии таълими калонсолон бо консепсияҳои рушди тафаккури муҳассилин, робитаҳои байнифаннӣ, маҷмуи масъалаҳои амалӣ, таҳқиқотӣ ва тавонмандӣ асоснок гардидааст. Чунин гузориши масъала ва роҳҳои ҳаллу фасли он мубрамияти мавзуи таҳқиқотии унвонҷӯйро собит менамояд.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия ислоҳот ва такмили низоми соҳаи маориф ҳамчун ҷузъи пешбарандаи ҷомеа, пеш аз ҳама, дарёфти роҳу равиши нави фаъолияти педагогӣ ва тағйир додани шуури омӯзгоронро тақозо мекунад. Мусаллам аст, ки гузариш аз таълими анъанавӣ ба тамоюли шахсияти омӯзанда равонагардида бидуни омодагии омӯзгори фаъол ва эҷодкор, ки афзалиятҳои фаъолияти касбӣ ва рушди худро мустақилона рушд дода метавонад, ғайриимкон аст. Чуноне ки мегӯянд, ҳақ бар ҷониби муаллиф аст.

Таҳқиқ ва хулосаҳои муҳаққиқ гувоҳи онанд, ки таҳлили таҷрибаи пешқадами такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, асоснокии ҷанбаҳои назариявии масъала дар рушди пайвастаи касбияти муаллимон дар робита ба ҳадаф, вазифа, мазмун, шакл ва усулҳои таълиму тадриси калонсолон доимо дар ҷараёни густариш ва татбиқ ва мутибиқшавӣ қарор дорад. Дар ин ҷода муҳаққиқ бо дарназардошти зарурати ба вуҷуд овардани шаклу усулҳои нави таълими калонсолон фаъолияти низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифро дар иртибот бо рушди андрагогика мушаххас намуда, роҳу усулҳои нави ҳалли ин масъаларо пешниҳод кардааст.

Дар иртибот бо таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва ҷаҳонӣ, сайри таърихии таълими ашхоси калонсол омӯзиши пайвастаи онҳо ҳамчун занҷири ҷудонашаванда намоён мегардад. Дар ин росто омӯзиши калонсолон дар асоси ба назар гирифтани синну соли онҳо, ҷанбаҳои

психологию ицтимой, хусусиятҳои таҳсилоти миллӣ ва дигар унсурҳои мувофиқ ва мутобиқ ба назар гирифта шудааст.

Муҳаққиқ дуруст қайд кардааст, ки андрагогика ҳамчун як қисми илми педагогикаи муосир баррасии масъалаҳои назариявию амалии таълим, омӯзиш ва тарбияи насли калонсолро дар тӯли тамоми умр дар бар мегирад. Ба ақидаи муаллиф андрагогика ҳамчун илми худшиносии шахсии инсон дар масири умр дарк гардида, ба рушди шахсият ва пайдо кардани мавқеи хеш дар ҳаёт, дарку қабули дониш ва иттилооти зеҳнӣ-маърифатӣ ёрӣ мерасонад.

Зикр бояд кард, ки дар диссертатсия муҳаққиқ андрагогикаро ҳамчун низоми ҳамоҳангшудаи илмӣ эътироф карда, изҳори таассуф ҳам мекунад, ки он мақоми аслии худро ҳамчун илми мустақили таълимӣ ҳанӯз ба пуррагӣ касб накардааст. Асосҳои назариявӣ ва илмӣ-методологии он на танҳо дар ҷумҳурии мо, балки дар кишварҳои хориҷ низ бояду шояд мавриди омӯзиш ва таҳқиқи васеъ қарор наёфтааст. Аз ин лиҳоз гузориши илмии масъала ва таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи бунёдӣ-методологии таълими калонсолон муҳим ва мубрам буда, дар рисолаи мазкур таҳқиқу пажуҳиши хешро пайдо кардааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан вазифаҳо ва фарзияҳои илмии таҳқикотро мушаххас намуда, кулли проблемаҳои назариявӣ ва амалии масъаларо фаро гирифтааст. Корҳои анҷомдодашуда ва натиҷаҳои таҳқиқотию озмоишии бадастовардаи муаллиф собит мекунанд, ки довталаб ба мақсадҳои дар назди худ гузошта ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда коимлан ноил гаштааст. Қобили зикр аст, ки фарзияи пешниҳоднамудаи муҳаққиқ дар рафти таҳқиқ тасдиқи худро ёфтааст ва он аз натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф дарак медиҳад.

Таҳлил ва ҷамъбасти афкори бунёдӣ ва илман асоснокёфтаи муҳақиқони соҳаи андрагогика, омӯзиши вазъи кунунии таълиму тарбия дар

самти таҳсилоти калонсолон навгонии илмии таҳқиқотро рӯйнамо кардааст. Аз ҷумла:

- таҳқиқоти диссертатсионии мазкур нахустин ташаббус ва ибтикор дар самти таълими калонсолон ҳамчун проблемаи муҳимми илмӣ дар заминаи назария ва методологияи андрагогикаи ватанӣ дар Тоҷикистон мебошад ва натиҷаҳои таҳқиқот дар рушди минбаъдаи ин соҳа роҳи васеъ мекушояд;

- муҳаққиқ давраҳои рушди таълими андрагогии калонсолонро муайян карда, сохтори хронологии онро пешниҳод кардааст;

- заминаи бунёдӣ-методологӣ, ташкил ва татбиқи амалии таълими калонсолон дар заминаи таҳсилоти ғайрирасмӣ ва асосҳои илми андрагогика муқаррар карда шудааст;

- механизмҳои омода кардани ҳайати кории илмӣ ва таълимӣ дар низоми такмили ихтисос ва азнавтайёркунии ҳайати педагогӣ коркард шудааст;

- унвонҷӯй амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи омӯзгори андрагогро асоснок карда, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, салоҳиятмандии ӯро муайян кардааст, ки чунин усули фаъолият аз салоҳияти анъанавии педагог фарқ мекунад;

- муҳаққиқ дар асоси ғояҳои бунёдӣ (назариявӣ) ва хулосаҳое, ки дар шакли таҷриба санҷида шудааст, монография, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, мақола ва фишурдаҳои илмӣ таҳия кардааст;

- дар рисола методология ва самтҳое, ки нақши таҳсилоти ғайрирасмии ашхоси калонсолро дар низоми такмили ихтисос тавсиф мекунанд, муайян шудааст;

- дар асоси омӯзиш ва таҷрибаи мутахассисон ва омӯзгорони пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ консепсияи таълими ғайрирасмии калонсолон ва фаъолияти омӯзгорон ва кадрҳои педагогӣ мураттаб ёфтааст.

Дар асоси навгониҳои илмии диссетратсия, ақидаю назарияҳои бунёдӣ ва хулосаҳое, ки дар шакли озмоишу таҷриба санҷида шудааст, монография, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, мақола ва фишурдаҳои илмӣ таҳия гардидааст, ки онҳоро дар амалияи педагогӣ ба таври васеъ истифода бурдан салоҳ дониста мешавад.

Дар рафти корҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда унвонҷӯ масъалаҳои ташаккули малакаю маҳорат ва сифатҳои андрагог-омӯзгорро ҳаллу фасл намудааст. Аз ҷумла, зикр мегардад:

- сохтори хронологии андрагогика ҳамчун илм дар бораи таҳсили калонсолон эътироф шуда, дар байни масъалаҳои марбут ба педагогика равиши нисбатан нав ва ба ҳадафҳои омӯзишу парвариши калонсолон маҳсуб меёбад;

- давраҳои ташаккули андрагогика ҳамчун илми мустақил моҳият, фарқият ва умумияти илмҳои мухталиф дар бораи инсон (фалсафа, ҷомеашиносӣ, психология) ва маорифро (педагогика, иқтисод, фалсафаи таълим, сотсиологияи таълим) рӯйнамо месозад;

- тавсифи ҳафт мавқеи андрагогика ба назар гирифта мешавад. Чунончи:

- хонандагони калонсол ба мустақилият, худидоракунӣ мекӯшанд ва худро ҳамчун шахси мустақил эътироф мекунанд;

- ашхоси калонсол таҷрибаи ҳаётӣ доранд, ки он ҳамчун манбаи муҳимми раванди таълим ба кор меояд;

- калонсолон барои ҳалли мушкилоти муҳими ҳаётӣ бо нигоҳи тоза ва воқеият омода мегарданд ва ба истифодаи мустақими дониш, маҳорат ва малакаҳо такя мекунанд;

- фаъолияти таълимӣ тавассути омилҳои муваққатӣ, фазоӣ, дохилӣ, касбӣ ва иҷтимоӣ роҳандозӣ мегардад;

- калонсолон дар раванди таълим нақши роҳбарикунанда доранд;

- раванди таълим дар шакли фаъолияти муштараки хонандагон ва педагогҳо дар ҳама марҳилаҳои омӯзиш таъмин мегардад.

Дар рисола амсилаи таълими андрагогӣ маҷмӯи низомҳои қонунгузории асосиро роҳандозӣ мекунад ва ташкили фаъолияти таҳсилотии ашхоси калонсол ва омӯзгоро дар татбиқи амалии донишу маърифат танзим менамояд.

Аз нигоҳи унвонҷӯ амсила ба принсипҳои асосии андрагогии афзалияти фаъолияти мустақилонаи калонсолон, фаъолияти муштараки онҳо ва педагог, тамоюли фардикунонии таҳсил, рушди зеҳнӣ-маърифатӣ, таҷдиди натиҷаҳои омӯзиш, хоҳишу ниёз ва дархостҳои онҳо асос меёбад.

Масъалаҳои ба миён гузошта ва нуктаҳои илмии аз ҷониби унвонҷӯ ба ҳимоя пешниҳодгардида моҳият, мундариҷа ва мӯҳтавои кори диссертатсиониро инъикос намуда, натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ ва тақвият мебахшанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Муаллифи диссертатсия дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши сарчашмаҳои илмии педагогика, психология ва методикаи таълим моҳияти проблемаи мавриди назарро дар самти андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ тавассути роҳандозии корҳои таҷрибавию озмоишӣ асоснок ва баррасӣ намудааст.

Вобаста ба корҳои дар умум анҷомдодаи муҳаққиқ, тавсия ва пешниҳодҳо арзиши таҳқиқоти диссертатсионии довталабро муайян кардан мумкин аст. Дар ин росто:

- шарҳу тавзеҳи масъалаи ташаккули малакаҳои андрагогӣ ва механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ ба анҷом расидааст;

- технологияи амалигардонии таълими калонсолон дар низоми такмили тахассуси омӯзгорон ва кадрҳои педагогӣ асоснок ва пешниҳод шудааст;

- муқаррароти ибтидоии муносибатҳои методологӣ ба таълими калонсолон муайян гардидааст;

- дастгоҳи консептуалии андрагогика ва муқаррароти асосии технологияи таълими калонсолон таҳия ёфтааст;

- таҳлили фаъолияти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба талаботи асосӣ нисбат ба салоҳияти омӯзгори андрагог, мазмун ва мундариҷаи таълими калонсолон анҷом дода шуда, барои исботи андешаҳо тавсияву пешниҳодҳои арзишманд баён гардидааст.

Таҳлили манбаҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, методологияи илмӣ, истифодаи моҳиронаи методҳои таҳқиқотӣ имкон додааст, ки унвонҷӯ ҳадафи таҳқиқот, вазифаҳо, предмет ва мантиқи рисоларо ҳамаҷониба баррасӣ намояд. Сафарзода Мунир Ватан натиҷаҳои таҳқиқот ва озмоишҳои анҷомдодаи худро дар расонаҳои зиёди соҳавӣ дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод кардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро ба таври равшан исбот месозад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯро асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса ва муқаррароти таҳқиқоти озмоишии зерин таъмин менамоянд:

- асоснокии бунёдӣ ва методологии консепсияи таълими калонсолон ва пешниҳодҳо дар робита ба масъалаи мазкур;

- истифодаи низоми муносибати босалоҳият ба таълим оид ба рушди самтҳои асосии таълими калонсолон ҳамчун технологияи ғайрирасмӣ;

- истифодаи маҷмӯи усулҳои иловагии таҳқиқотии мувофиқ ба ҳадаф, гипотеза, вазифа ва роҳҳои ҳалли мушкилот;

- асоснокӣ ва заминаҳои озмоишии таҳқиқоти диисертатсионӣ;

- гуногунии усулҳо ва воситаҳои фаъолияти таҷрибавӣ;

- муқоисаи натиҷаҳо бо таҷрибаи васеи такмили ихтисос дар низоми таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ дар заминаи озмоиши қаблӣ ва ниҳоӣ;

- озмоиши васеъ ва татбиқи натиҷаҳои бадастомада дар амалияи педагогӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон.

Муаллифи диссертатсия корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии худро дар доираи филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтақаҳои Кулоб ва Бохтари вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Марказҳои таълими калонсолони вилояти Хатлон бо иштироки омӯзгорони фанҳои гуногун, роҳбарони хадамоти методӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, андрагогҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фарогирии умумии зиёда аз 1800 нафар гузаронидааст.

Натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ ва озмоишии Сафарзода Мунир Ватан дар семинарҳои илмию амалӣ ва методии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб, ҷаласаҳои кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими филиали мазкур ва дар конфронсҳои ҳамасолаи илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баррасӣ ва мавриди муҳокима қарор ёфтааст.

Муҳаққиқ мазмуну мӯҳтавои рисола ва натиҷаҳои таҳқиқотӣ-озмоиширо дар конференсияҳои гуногуни минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб баррасӣ кардааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Ҷараёни корҳои озмоишӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба арзиши илмӣ, амалӣ ва навгонии илмии таҳқиқот зич марбут аст. Ба ин васила муҳаққиқ як силсила корҳои фарогири ҷанбаҳои гуногуни ташаккули фаъолияти андрагог-омӯзгорро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла:

- мафҳуми таҳсилоти ғайрирасмӣ васеъ гардида, таҳаввули ғояҳо ва консепсияҳои тоза баён ёфтааст, ки дар роҳи татбиқи масъалаҳои бунёдӣ-методологии таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, ки ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти ғайрирасмӣ муайян гардад;

- ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои назариявие, ки дар илми педагогика барои рушди муносибати андрагогӣ дар таълими калонсолон пешбинӣ шудааст, дар назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ пешниҳод шудааст;

- ба сифати методологияи калидӣ истифодаи назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират дар рушди таҳсилоти калонсолон асоснок гардида, тибқи он таҳсилоти ғайрирасмӣ ва фаъолияти иртиботи-коммуникатсионӣ муқаррар шудааст;

- ҷузъҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ (робита, мақсад, мавзуи муошират, эҳтиёҷот ба муошират, ҳавасмандии коммуникативӣ, фаъолияти коммуникатсионӣ, вазифаҳои коммуникатсионӣ, воситаҳои алоқа, воситаҳои коммуникатсионӣ) ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ муайян карда шудааст;

- таҷзияи се гурӯҳи принсипҳо (андрагогӣ, эвтагологӣ, принсипҳои таҳсилоти инноватсионии муттасил) муайян карда шудааст, ки он имкон медиҳад ҷанбаҳои методологии ташкилӣ ва ҳам дидактикии омӯзиш ҳамчун асос барои дониши нави назариявии таҳсилоти ғайрирасмӣ ба назар гирифта шудааст;

- ҷузъҳои назарияи таълими ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ дар заминаи антропологияи фалсафӣ баррасӣ ёфтааст;

- ҷанбаи дидактикии таълими ғайрирасмӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида, таъсири он ба интихоби роҳу усул, технология ва роҳҳои ташкили таълими калонсолон нишон дода шудааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи таълими калонсолон метавонанд дар раванди ба роҳ мондани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, баланд бардоштани сатҳу сифати касбияти онҳо дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди

истифода қарор ёфта, тавсияҳои методии таҳияшуда дар такмили раванди курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар таълими калонсолон-омӯзгорон мусоидат хоҳанд кард.

Дастовардҳои таҳқиқоти Сафарзода Мунир Ватанро мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълим метавонанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таваҷҷуҳ қарор дода, онҳоро дар раванди курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода баранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:**

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва натиҷаҳои асосии диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳои методӣ ва илмӣ-амалӣ дар шаҳрҳои Кӯлоб, Душанбе ва Хуҷанд баргузоршуда баррасӣ шудаанд. Натиҷаҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, дар интишороти муаллиф, монографияҳо, васоит ва дастурҳои таълимию методӣ, мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ дар нашрияҳои шомили Пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Кори диссертатсионии Сафарзода М.В. ба тартиби таҳия ва талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия ба таври мухтасар мазмуну мӯҳтавои диссертатсияро инъикос мекунад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ

бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисолҳо ва ҷадвалу диаграммаҳо таъмин шудааст, ки дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, асоснокии натиҷаҳо, хулоса, муқаррароти таҳқиқоти озмоишӣ ва тавсияҳоро муаррифӣ мекунанд.

Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан бо забони содаю равон ва фаҳмои тоҷикӣ, тибқи муқаррароти Дастурамал навишта шуда, тартиби тахия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, пайдарҳамии мантиқӣ ва мутасилии он ба пуррагӣ риоя гардидааст. Ҳар як боби диссертатсия дар алоҳидагӣ ва диссертатсия дар умум хулоса карда шудааст.

**Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

Дар баробари муваффақиятҳо ва дастовардҳое, ки зикрашон дар боло рафт, диссертатсия ва автореферати унвонҷӯ баъзе камбудию ноқисиҳо дорад, ки қайди онҳоро ҳамчун тавсия барои боз ҳам беҳтар гардидани сифати диссертатсия зарур мешуморем:

1. Дар диссертатсия таҳлили таҷрибаи пешқадами сохторҳои таҳсилоти олии баъдидипломӣ оид ба таълим ва омӯзиши калонсолон дар минтақаҳои Тоҷикистон баррасӣ нашудааст. Хуб мебуд агар вазъи воқеии таҳсили калонсолон, натиҷаҳои аслӣ дар заминаи филиалҳои донишкадаҳои такмили ихтисоси минтақаҳои ҷумҳурӣ нишон дода мешуд.

2. Барои тақвият бахшидан ба касбияти кормандони муассисаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва риояи талаботи таълими муосир намунаҳои ба роҳ мондани раванди таълим бо истифодаи методу усулҳои мушаххас мушоҳида нагардид. Ин масъала дар диссертатсия ба таври умумӣ баён гаштааст.

3. Дар рисола андеша ва афкори донишмандону муҳаққиқони соҳаи андрогогика муфассал баррасӣ шудааст, вале таҳлили масъалаҳо аз нигоҳи муаллиф на ҳамеша изҳор ва мушаххас гардидааст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо сифати корро боз ҳам хубтар мекунад.

Камбудиҳо ва норасоиҳои дар боло қайдгардида ҳаргиз арзиши илмии рисоларо коста намегардонанд. Мо онро ҳамчун хусусияти тавсиявидошта изҳор медорем.

**ХУЛОСА**

Сафарзода Мунир Ватан ба ҳадафҳои дар рисолаи диссертатсионӣ гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ба пуррагӣ ҳаллу фасл кардааст. Фарзияҳои таҳқиқотии довталаб дар кори диссертатсионӣ тасдиқи худро ёфтаанд. Диссертатсия кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ маҳсуб ёфта, муаллиф онро мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ анҷом додааст.

Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардида, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дониста шавад.

**Муқарризи расмӣ:**
Академики АТТ, доктори илмҳои педагогӣ,
ноиби президенти Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон, профессор **Каримова Ирина Холовна**
10.11.2025.
**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734025, ҶТ, ш. Душанбе, кӯчаи акад. Адҳамов, 11/2
Тел.+992 907 72 55 94; почтаи электронӣ: gumanizm@mail.ru.

Имзои И.Х.Каримоваро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои АТТ М.Саидова